Ба Шӯрои диссертатсионии
6D.KOA-004 оид ба ҳимояи
диссертасияҳои докторӣ ва
номзадии назди Донишгоҳи
миллии Тоҷикистон

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Саъдуллозода Насрулло Саъдулло, докторанти PhD -и кафедраи иқтисодиёти ҷаҳони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон доктор аз рӯйи ихтисоси 6D051300-иқтисодиёти ҷаҳон дар мавзӯи “Танзими муҳоҷирати байналмилалии қувваи корӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)”**

Дар шароити муосири рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ раванди ҷаҳонишавӣ ба тақвияти раванди муҳоҷирати қувваи корӣ таъсири назаррас дошта, бо рушди он монеаҳои воридшавӣ ба кишвар коҳиш ёфта, ҳаракати мунтазами одамонеро, ки мехоҳанд кори беҳтари дорои шароити мусоидро пайдо намоянд ва аз мушкилоте, ки дар ватани худ онҳоро интизор аст, озод бошанд ё дар мамлакати дорои сатҳи баланди зиндагӣ умр ба сар баранд, ба танзим медарорад. Хусусияти хоси марҳилаи кунунии рушди муносибатҳои иқтисодии ҷаҳонӣ муҳоҷирати байналмилалии қувваи корӣ мебошад, ки он дар шароити имрӯза босуръат рушд намудааст. Муҳоҷирати меҳнатии аҳолӣ дар шароити муосир яке аз зернизомҳои мураккабтарини муносибатҳои байналмилалии иқтисодӣ мебошад, ки ба иқтисодиёти ҷаҳонӣ таъсир расонида, дар маркази диққати бисёр олимон - иқтисодчиёни ҷаҳон қарор гирифтааст.

Ҳамин тавр, дар асоси суханҳои дар боло овардашуда, хулоса баровардан мумкин аст, ки мавзӯи интихобкардаи Саъуллозода Насрулло Саъдулло, мавзӯи муҳим, рӯзмара ва ҳалталаб дар шароити муосири рушди иҷтимоӣ-иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад.

Мувофиқи ақидаи муаллиф, муҳоҷират дар шароити мухталифи иҷтимоию иқтисодӣ вазифаҳои мушаххасеро иҷро мекунад, ки ба шароити мазкур хосанд ва муҳимтарини онҳо омилҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ мебошанд. Вазифаи иқтисодии муҳоҷирати аҳолӣ таъмини пайвастагии василаҳои тақсимшудаи истеҳсолот бо қувваи корӣ ва фаъолияти онҳо дар раванди истеҳсолот мебошад. Иҷрои пурраи ин вазифа дар заминаи иҷрои вазифаҳои умумии муҳоҷират: суръатдиҳанда, тақсимотӣ ва интихобӣ ба таъмини мукотибаи миқдорӣ ва сифатӣ байни

омилҳои моддӣ ва шахсии истеҳсолот оварда мерасонад. Вазифаи иҷтимоии муҳоҷират аз хоҳиши тағйир додани ҷойи зист барои пурра қонеъ кардани ниёзҳои аввалиндараҷаи онҳо иборат аст (саҳ.9).

Мо бо ақидаи зерини муаллиф ҳамроҳ мешавем, ки одамон бо мақсади беҳтар намудани некӯаҳволии худ муҳоҷират менамоянд. Аз ин ақида бармеояд, ки муҳоҷират дар байни кули ҷомеа рушд ва инкишоф ёфта истодааст ва он ҳамеша вуҷуд дорад. Аммо чунин тахмин ба равандҳои воқеӣ дар иқтисодиёти ҷаҳон мувофиқат намекунад. Масалан, дар кишварҳои рушдёфта на танҳо ҷараёни воридшавии муҳоҷират дида мешавад, балки муҳоҷирати дохила ва ҷарёни муҳоҷират ба дигар мамлакат низ вуҷуд дорад. Муаллиф қайд менамояд, ки муҳоҷират ба мисли ҳар гуна падидаи иҷтимоӣ, мушкилоти ғайримуқаррарӣ буда, бинобар ин интизор шудани пайдоиши назарияи умумие, ки метавонад комилан тамоми равандҳои муҳоҷиратро дар дилхоҳ кишвар ва фосилаи вақт густариш диҳад, дуруст нест (саҳ.11).

Муаллиф дуруст қайд намудааст, ки бо дарназардошти он ки воситаҳои пулии муҳоҷирон, ки дар хориҷа ба даст оварда шудаанд, на танҳо ба сатҳи некӯаҳволии хонавода, балки ба чунин равандҳои муҳими сатҳи макро ба монанди сармоягузорӣ ва пасандозҳо дар доираи низоми иқтисодӣ таъсир мерасонанд, дар қаринаи тадқиқоти хусусиятҳои таъсири муҳоҷирати байналмилалӣ дар рушди иқтисодии иқтисоди миллӣ таҳлил ва арзёбии сабабҳои иҷтимоӣ-иқтисодии муҳоҷирати хориҷии аҳолии Тоҷикистон мубрам ба ҳисоб меравад (саҳ.16).

Ҳамчунин, дар қатори дастовардҳои назаррас дар автореферат, баъзе камбудиҳо низ ҷой доранд, ки миёни онҳо метавон ҳолатҳои зеринро қайд намуд:

1. Дар автореферат дар бораи паҳлуҳои мусбӣ ва манфии муҳоҷирати байналмилалии қувваи корӣ рақаму далелҳо кам оварда шудаанд.

2. Дар автореферат баъзе норасогиҳои техникӣ ва имлоӣ вомехӯранд.

Хулоса, мавзӯи интихобнамудаи Саъдуллозода Насрулло Саъдулло “Танзими муҳоҷирати байналмилалии қувваи корӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)” ба талаботи КОА-и аттестатсионии назди Президенди Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат мекунад ва муаллифи он сазовори дараҷаи илмӣ буда аз рӯйи ихтисоси 6D051300-иқтисодиёти ҷаҳон ҷавобгу мебошад.

**Муқарриз:**
**д.и.и., профессори кафедраи «Назарияи иқтисодӣ ва иқтисоди ҷаҳон»-и Донишгоҳи Славянии Россия ва Тоҷикистон** **Раҳматзода Ҳ.Б.**

Суроға: 734025, ш. Душанбе кӯчаи Мирзо Турсунзода, 30.
Тел.: (+992) 37 221-35-50
Почтаи электронӣ: p.rektorat@mail.ru

Имзои д.и.и., профессор Рахматзода Ҳ.Б. –ро тасдиқ менамоям.
Сардори шӯъбаи кадрҳои Донишгоҳи Славянии Россия ва Тоҷикистон Давлатов Х.Х.